*Ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия*
*ва иқтисоди Тоҷикистон*
*(734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзӯи “Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия, (6D050901) – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешкаш карда шудааст.**

Масъалаи молиягузории соҳаи тандурустӣ дар солҳои охир диққати сиёсатмадорон, иқтисоддонҳо ва дигар аъзоёни ҷамъиятро аз нуқтаи занари аҳамияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва таъмини бехатарии миллӣ ба худ ҷалб намуда истодааст. Низоми давлатии молиягузории соҳаи тандурустӣ баъ аз ба даст овардани истиқлолияти далватӣ дигаргуниҳои назаррасро аз сар гузаронид. Ба сифати институтҳои иловагии ташкилӣ-иқтисодӣ ва молявии низоми суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазъияти хизматрасонии тиббӣ таъсири муассир расонид. Ислоҳоти гуногун дар ташаккулёбии молиявии низоми суғуртаи тиббӣ имкон фароҳам овард, ки сатҳи молиягузории нокифояи давлатии соҳа ба воситаи ташкилотҳои сурғуртавии ихтиёрӣ каме бошад ҳам чунин норасогиро рӯйпӯш намояд. Дар шароити имрӯза раванди пойдоршавии суғрутакунии таиббӣ, дигаргуншавии қонунгузории суғуртавӣ ва андозӣ, илман асоснок нагардидани ҳалли мушкилотҳои ба миён омада, зарурати азхуд намудани илмии хусусиятҳои раванди суғуртакунии тиббиро тақозо менамояд. Дар замони муосир мушкилтҳои таъсисдиҳии механизмҳои ягонаи банақшагирӣ, пардохт ва таъминоти молиявии хизматрасониҳои тиббӣ ба мадди аввал мегузаранд, ки натиҷаҳои назарраси дастрасӣ ва сифати онҳоро ба воситаи суғуртакунии тиббӣ ҳавасманд мегардонанд. Бинобар ҳамин зарурати низоми ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии суғуртаи тиббӣ дар асоси он корарди фишангҳои молиявии баланд намудани самаранокии фаъолияти соҳа муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ карда мешаванд. Маҳз аз сабаби бисёрҷабҳа,

нисбатан кам коркард шудани муносибатҳои методӣ ва зарурати ҳалли масъалаҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрамияти кори илмии Ибодов Н.Ҳ. муайян мекунанд.

Шиносоӣ бо автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф дар асоси дуруст муқаррар намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштааст.

Дар асоси омӯзиши корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, муаллиф тавонистааст, мавқеъи суғуртаи тиббиро дар низоми тандурустӣ ба воситаи муколами илмӣ бо нишон додани таснифоти суғурта ва самтҳои татбиқи он муайян намояд. (с.11). Муаллиф ҷузъҳои муҳими суғуртаи тиббиро, яъне ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро ҷудо менамояд, ки барои омӯзиши системаи суғртаи тиббӣ имкон фароҳам овардааст (расми 2. с. 13).

Бо истифода аз усули эмпирикӣ муаллиф маблағгузории соҳаи тандурустӣ ва суғуртаи иҷтимоиро инчунин маблағгузорӣ аз фнди суғуртаи иҷтимоӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор дода, дуруст қайд менамояд, ки механизмҳои татбиқи қонун дар соҳаи суғурта бояд эҳё карда шуда, дар ҳолати зарурӣ бозори суғуртаи миллӣ бо истифода аз тафрибаи мамлакатҳои дар ин самт пешрафта истифода бурда шавад (с. 15-16).

Бо мақсади такомули низоми суғуртаи тиббӣ аз тарафи Ибодов Н.Ҳ. модели схемавии ташаккули суғуртаи тиббю ҳамчун механизми молиягузории соҳаи тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст (с. 24), ки дар доираи он алоқамандӣ ва амалҳои пай дар пайи мантиқӣ оид ба татбиқи суғуртаи тиббӣ баён карда шудааст, ки арзиши назариявӣ ва амалӣ дорад

Хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар автореферати диссертатсия оварда шудаанд, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Новобаста ба дастовардҳои назарраси илмӣ, дар автореферати диссертатсия як қатор норасогиҳои хислати тавсиявӣ дошта ба назар мерасанд, ба монанди:

1. Барои таҳлили саҳеҳ маълумоти ҷадвали 1 бо нархҳои соли ҷорӣ нею, балки бо нархҳои муқоисавӣ ҳисоб ва муқоиса карда мешуданд.

2. Сатҳи кори илмӣ боз ҳам баландтар мешуд, агар аз тарафи муаллиф модели тақлидии ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии тиббӣ дар шароити Тоҷикистон пешкаш карда мешуд.

Эродҳои зикршуда ба мазмун ва муҳтавои мусбии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонад. Эродҳои номбурда хислати тавсиявӣ доранд. Аз рӯи мутолиаи автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар мавзӯи "Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон" қайд намудан мумкин аст, ки он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия, (6D050901) – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ибодов Нурали Ҳасанович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия, (6D050901) – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров",**
**д.и.и., профессор** **Алиджанов Д.А.**

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ
д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров Сайдуллозода З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru